## ШАРТНОМАИ № 71/24
## ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИНТЕРНЕТӢ МОҲВОРАӢ

«01»январи соли 2024 ш. Душанбе

**ҶДММ «Исател»**, ки минбаъд «Оператор» номида мешавад, дар шахсияти Директор Тағоев У.У., ки дар асоси Оиннома амал менамояд, аз як тараф **Донишкадаи Славянии Русияву Точикистон**,ки минбаъд «Муштарӣ» номида мешавад, дар дар симои Ректор Файзулло М.К. ки дар асоси Оиннома амал менамояд, аз тарафи дигар, дар якҷояги «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин ба имзо расониданд:

### 1. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

1.1. Мутобиқи шартҳои Шартномаи мазкур Оператор ӯҳдадор мешавад, ки ба Муштарӣ Хизматрасонии интернети хати нуриро (минбаъд «Хизматрасонӣ» )- ро расонад,.
1.2 Муштарӣ худ ӯҳдадор мешавад, ки хизматрасонии пешниҳодшударо қабул намуда, маблағи бо тартиби муқаррарнамудаи Шартномаи мазкур ба Оператор пардохт намояд.
1.3. Номгӯй, ҳаҷм, суръат ва нархи Хизматрасонӣ дар Замимаи №1, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад, муқаррар карда мешавад.

### 2.ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**2.1. Оператор ӯҳдадор аст:**
2.1.1.Хизматрасониҳоро мутобиқи Нақшаи тарофавии Хизматрасониҳои интихобнамудаи Муштарӣ, ки аз ҷониби Тарафҳо мувофиқа ва имзо шудааст (Замимаи №1) пешкаш намояд, инчунин талаботҳои муқаррарнамудаи Шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.
2.1.2. Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон махфияти маълумоти қабулшаванда/додашаванда ва дигар маълумоти Муштариро таъмин намояд, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2.1.3. Ба Муштарӣ иттилооти марбут ба Хизматрасониҳои ба у пешниҳодшударо мутобиқи талаботҳои Шартномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш намояд.
2.1.4. Ҳангоми гузаронидани корҳои таъмирию техникии банақшагирифташудаи (профилактикӣ) Муштариро дар мӯҳлати на дертар аз 2 (ду) рӯзи тақвимӣ пеш аз оғози корҳо, тариқи e-mail ва ё бо воситаи алоқаи телефонӣ дар ин бора хабардор намояд.
2.1.5. Ҳангоми гузаронидани корҳои таъмирию техникии ғайринақшавӣ (фаврӣ) Муштариро дар мӯҳлати на дертар аз 3 (се) соат пеш аз оғози корҳо, тариқи e-mail ва ё бо воситаи алоқаи телефонӣ, дар ин бора хабардор намояд.

**2.2. Оператор ҳуқуқ дорад:**
2.2.1. Дар рафти гузаронидани корҳои таъмирию техникии банақшагирифташудаи профилактикӣ ё корҳои ғайринақшаии фаврӣ Хизматрасониҳоро ба Муштарӣ маҳдуд ё қатъ намояд.
2.2.2. Дар сурати сар задани ҳолатҳои фавкуллода (сӯхтор, обхезӣ, садамаҳо дар роҳҳо ё хатҳои коммуникатсия, амалҳои ҳарбӣ ё ҷангӣ, офатҳои табиӣ, эпидемияҳо, карантин ва ғ.) ва расидани талаботи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи алоқаи баркӣ Хизматрасониҳоро маҳдуд ё қатъ намояд.
2.2.3. Мустақилона тарофаҳоро, Нақшаҳои тарофавиро, шартҳо, мӯҳлатҳо ва тартиби пардохти нархи Хизматрасониҳоро тағйир диҳад. Дар ин сурат Муштарӣ на дертар аз 10 (даҳ) рӯз пеш аз ворид намудани чунин тағйирот бо мактубҳои иттилоотӣ ё дигар роҳҳои муқаррарнамудаи санадҳои дохилии Оператор дар бораи тағйироти банақшагирифташуда хабардор карда мешавад.
2.2.4. Ҳангоми зарурият пешниҳоди Хизматрасониҳоро ба Муштарӣ қатъ намояд, дар сурати ошкор намудани вайронкунии қоидаҳои Шартномаи мазкур.
2.2.5. Инчунин Оператор ҳақ дорад аз бастани Шартнома ё пешниҳоди Хизматрасониҳо дар ҳолатҳои зерин рад намояд:
- дар сурати набудани имконияти техникии Оператор барои расонидани он Хизматрасониҳои шабакаи Оператор, ки аз ҷониби Муштарӣ дархост шудааст;
- ҳангоми мавҷуд будани маълумот оиди қарзи шахси муроҷиаткунанда барои хизматрасониҳои пешниҳодшуда баркии мутобиқи шартномаи дигар бо Оператор;
- дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.2.6.Оператор барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои дар Шартномаи мазкур зикршуда ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми зарурият пудратчии фаръӣ (субподрядчик) ва шахсони сеюмро ба кор ҷалб намояд. Оператор барои оқибатҳои корҳои иҷроишуда аз ҷониби пудратчии фаръӣ (субподрядчик) ва шахсони сеюм, аз ҷумла, иҷро накардан ё номатлуб иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ, дар назди Муштари масъулият дорад.

**2.3. Муштарӣ уҳдадор аст:**
2.3.1. Талаботҳои Шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.
2.3.2. Дар ҳаҷми пурра ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Шартномаи мазкур маблағи Хизматрасониҳои расондашударо ба Оператор саривақт пардохт намояд.
2.3.3.Мустақилона қарздор нашудани худро аз Оператор назорат намояд.
2.3.4.Хизматрасониҳои Операторро фақат бо мақсадҳои худ, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, истифода намояд.
2.3.5. На камтар аз 30 (сӣ) рӯз пешакӣ Операторро дар бораи муваққатан ё тамоман қат кардани Хизматрасонӣ огоҳ намояд.
2.3.6. Нуктаҳои хати пайвастшавии алоқа ва таҷҳизоти корбариро (Wi-fi роутерро), ки дар биноҳои Муштарӣ ҷойгиранд, дар ҳолати хуб нигоҳ дорад, инчунин қоидаҳои истифодаи ин таҷҳизотро риоя намояд.
2.3.7. Дар сурати барои истифодаи муваққатӣ додани таҷҳизоти Оператор ба Муштарӣ, Муштарӣ ӯҳдадор аст чунин таҷҳизотро баъди қатъшавии Шартномаи мазкур ё аз байн рафтани зарурияти истифодабарии таҷҳизот, ин таҷҳизотро ба Оператор дар ҳолати аввала баргардонад. Дар сурати вайрон, гум ё нобуд кардани таҷҳизоти Оператор Муштарӣ ӯҳдадор аст нархи пурраи онро, ки дар Замимаҳои Шартномаи мазкур нишон дода шудааст, ба Оператор ҷуброн намояд, - дар санаи қатъшавии Шартнома ё дар санаи ошкор шудани ҳолати вайрон, гум ё нобуд шудани таҷҳизоти ба истифода додашуда.
2.3.8. Бидуни розигии хаттии Оператор ҳуқуқҳои худро, дар Шартномаи мазкур дарҷ шудаанд, ба шахсони сеюм надиҳад.
2.3.9. Саривақт на дертар аз 10 (даҳ) рӯз пеш аз рӯзе, ки Муштарӣ оиди ин ҳолатҳо хабардор гардид, бо воситаи алоқаи телефонӣ, факс ё почтаи электронӣ Операторро оиди ин ҳолатҳо огоҳ намояд:
2.3.10. оиди оғозшавии чораёни азнавташкилкунӣ дар робита бо Муштарӣ, оиди қарори қабулшуда дар бораи барҳамдиҳии Муштарӣ;
2.3.11. оиди тағйир ёфтани реквизитҳои бонкӣ ва суроғаи ҳуқуқӣ;
2.3.12. оиди дигар ҳолатҳо, ки метавонанд иҷрои Шартномаи мазкурро имконнопазир намоянд ё ба иҷрои он монеаҳо монад.

**2.4. Муштарӣ ҳуқуқ дорад:**
2.4.1. Ба Оператор бо таври хаттӣ оиди муваққатан қатъ намудани Хизматрасонӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 30 (си) рӯз, муроҷиат намояд. Оператор танҳо пас аз огоҳии пешакии хаттӣ, мутобиқи санадҳои дохилии Оператор хомушкунии Хизматрасониро амалӣ менамояд.
2.4.2. Маълумоти зарурӣ ва аникро оиди Оператор ва хизматрасониҳои расонидашавандаи ӯ тариқи хадамоти маълумотӣ-иттилоотии Оператор бо роҳи барчидани рақамҳои «446013434», ва ҳамчунин аз сайти Оператор www.isatel.tj гирад.
2.4.3.Шартномаи мазкурро дар ҳолатҳои пешбининамудаи он ва ба шарти гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои дутарафа қатъ намояд.
2.4.4. Дар сурати қаблан ба суроғаи Оператор огоҳиномаи хаттӣ ирсол намудан ба Нақшаи тарофавии дигари хизматрасонӣ гузарад. Гузаштани Муштарӣ ба Нақшаи тарофавии дигари хизматрасонӣ аз оғози рӯзи аввали моҳи минбаъда баъд аз пешниҳод намудани дархост амалӣ карда мешавад.

## 3. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

3.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ва ё бо таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавии худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулиятро дар зиммаи худ доранд.
3.2. Муштарӣ дар рафти истифодаи Хизматрасониҳои пешниҳодкунандаи Оператор ҳифозати иттилооти худро таъмин намуда, барои таъмини ҳифзи ин иттилоот (аз ҷумла, рамзи Муштарӣ), таъминоти барномавӣ (ПО) ва таҷҳизоти худ масъулиятро дар зимма худ дорад.
3.3. Оператор барои мазмуну мундариҷаи иттилооте, ки аз ҷониби Муштарӣ интиқол карда/гирифта мешавад, инчунин барои амалҳои ба қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқатнабудаи Муштарӣ ҷавобгар нест.
3.4. Оператор барои амалҳои Муштарӣ, ки тавассути хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи Оператор содир мегарданд, ҷавобгар нест.

3.5. Оператор барои боздоштани Хизматрасониҳо ва ё ба таъхир андохтани пешниҳодкунии онҳо, ки бо сабабҳои бевосита ё бавосита берун аз доираи назорати имконпазири Оператор мебошанд, масъулият ба зимма намегирад.
3.6. Оператор барои сифати хатти алоқае, ки аз ҷониби ташкилотҳои дигар ташкил карда мешавад, ҳатто дар сурате ки Оператор бо ин ташкилотҳо муносибатҳои шартномавӣ дошта бошад ҳам, масъулият ба зимма намегирад.
3.7. Оператор дар ҳеҷ ҳолат дар назди Муштарӣ барои зарари мустақим ё ғайримустақим, ё фоидаи аз даст дода, ки ба Муштарӣ дар натиҷаи истифодабарӣ ё ғайриимкон будани истифодабарии Хизматрасониҳо расонида шудааст, ба монанди ба таъхир андохтани дарёфти иттилоот, хатогиҳо ҳуҷҷатгузорӣ ё дарёфти иттилоот, ба таъхир андохтани корҳо ва ғайра, масъулият ба зимма намегирад.
3.8. Оператор барои бо вирусҳо гирифтор шудани компютери фардии Муштарӣ, норасоиҳои техникии таҷҳизоти Муштарӣ ва шабакаи дохилии Муштарӣ ҷавобгар нест.
3.9. Тибқи матлаби Шартнома таҷҳизот барои иҷроиши корҳо ва Хизматрасониҳо аз тарафи Муштарӣ пешниҳод шуда метавонад. Дар ин ҳолат Оператор барои пастшавии сифати Хизматрасонӣ ё барои ғайриимкон шудани иҷрои Хизматрасонӣ, ки дар натиҷаи нуқсонҳои таҷҳизот ё шабакаи дохилии Муштарӣ ба миён омадаанд, ҷавобгар намебошад.
3.10. Дар сурати аз ҳисоби Оператор пешниҳод гардидани таҷҳизот, Муштарӣ барои ҳифозати таҷҳизоти нуктаҳои интиҳоии хатти алоқа, ки дар бинои Муштарӣ васл карда шудааст, масъулият ба зимма мегирад. Дар сурати корношоям гардидани таҷҳизот ва ё расидани осеби механикӣ ба онҳо Муштарӣ ӯҳдадор аст арзиши таҷҳизотро ба андозаи 100% ба Оператор ҷуброн намояд. Дар сурати рад кардани расонидани Хизматрасониҳо ва ё қатъ кардани Шартномаи мазкур Муштарӣ ӯҳдадор мегардад таҷҳизотеро, ки барои нуктаҳои интиҳоии хатти алоқа аз ҷониби Оператор васл гардида буданд, ба Оператор баргардонад.

## 4. ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

4.1. Нархи Хизматрасоние, ки дар банди 1.1. Шартномаи мазкур пешбинӣ шудааст, дар Замимаи № 1, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад, муқаррар карда мешавад. Нақшаи тарофавӣ аз лаҳзаи ба имзо расонидани Шартномаи мазкур амал мекунад.
4.2. Муштарӣ ӯҳдадор аст саривақт нархи Хизматрасониро тибқи Нақшаи тарофавии интихобнамудааш пардохт намояд. Муштарӣ ӯҳдадор аст пардохтҳои иловагиро барои хизматрасониҳои фармоишнамудааш тибқи шартҳо ва тарофаҳои ҷории Оператор амалӣ намояд.
4.3. Давраи ҳисобӣ барои пардохтҳо аз санаи 1 то санаи 30/31 ҳар моҳи тақвимӣ муқаррар карда мешавад, ки дар тӯли он аз тарафи Оператор ба Муштарӣ Хизматрасониҳо пешниҳод шудааст.
4.4. Агар давраи ҳисобӣ моҳи тақвимии нопурра бошад (дар вақти бастани шартномаи нав ё дар вақти қатъшавии шартнома), он гоҳ Нархи Хизматрасонӣ барои нақшаҳои тарофавии “бемаҳдуд” (бе дарназардошти трафик) ба тариқи зерин ҳисоб карда мешавад: нархи Хизматрасонӣ барои як моҳ, тақсими шумораи рӯзҳо дар ҳамин моҳ (28, 29, 30 ё 31), зарби шумораи рӯзҳои пайваст будани Хизматрасониҳо.
4.5. Пардохтҳои ҳармоҳаи нархи Хизматрасониҳо аз тарафи Муштарӣ дар охири ҳар моҳи ҳисобӣ, дар мӯҳлати на дертар давоми 10 (даҳ) рӯз аз санаи гирифтани ҳисоб-фактураи Оператор иҷро карда мешавад.
4.6. Оператор ҳисоб-фактураро барои пардохти нархи Хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мутобиқи Шартномаи мазкур на дертар аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ баъди итмомшавии давраи ҳисобӣ пешниҳод мекунад. Нусхаҳои аслии ҳисоб-фактура ба Муштарӣ ба воситаи фармоиши почтавӣ, ё тавассути хатрасон (курьер) бо гирифтани имзо дар бораи супорида шудан, ва дар як вақт бо равон карда шудани нусхаи он бо тариқи факс ё почтаи электронӣ, ирсол карда мешавад.
4.7. Баъди тамомшавии ҳар як моҳи ҳисобӣ Тарафҳо Санади қабулу супоридани Хизматрасониҳои пешниҳодшуда тартиб медиханд, ки аз тарафи шахсони ваколатдори Тарафҳо имзо мешавад. Дар Санад давраи умумии танаффусҳои хизматрасонӣ, ки бо сабабҳои техникии Оператор ба миён омадаанд, барои ҳар як Нуқтаи васлшавӣ дар ҳамин давраи ҳисобӣ, нишон дода шуда мешавад. Дар чунин Санад ҳаҷми ҷуброн барои чунин танаффусҳо нишон дода мешавад. Оператор ӯҳдадор аст чунин Санадро омода намуда, ба суроғаи Муштарӣ дар мӯҳлати то санаи 10-уми моҳе, ки баъди давраи ҳисобӣ меояд, ирсол намояд. Муштарӣ ӯҳдадор аст дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани Санад онро имзо намуда, ба суроғаи Оператор баргардонад, ё радномаи асосноки хаттӣ ирсол намояд. Дар ҳолате, ки агар Муштарӣ дар мӯҳлатҳои зикршуда Санадро ба имзо нарасонад, ё радномаи асоснокшудаи хаттиро равон накунад, он гоҳ Санад қабулшуда ба ҳисоб рафта, Хизматрасониҳо бо пуррагӣ расонидашуда ба ҳисоб мераванд. Дар ҳолате, ки ба Оператор аз тарафи Муштарӣ радномаи асоснокшудаи хаттӣ ворид мешавад,

Тарафҳо ӯҳдадоранд шартҳои санади баҳснокро дар муддати то 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ баррасӣ намуда, мувофиқа намоянд.
4.8. Аз рӯзи ворид шудани маблағи пулӣ ба суратҳисоби Оператор, нархи хизматрасонӣ пардохтшуда ҳисобида мешавад.
4.9. Агар дар байни Тарафҳо тибқи дигар ӯҳдадориҳои шартномавӣ қарздорӣ мавҷуд бошад, дар ҷараёни ҳисоббаробаркуниҳои Шартномаи мазкур афзалияти аввалиндараҷа барои пӯшонидани қарзҳо тибқи ҳамин Шартнома дода мешавад. Дар ҷараёни амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ҳармоҳа Санади мусолиҳаи ҳисоббаробаркунии тарафайн (акт сверки взаимных расчетов) тартиб дода мешавад.
4.10. Ҳангоми гузаронидани маблағи пардохт ба суратҳисоби Оператор, Муштарӣ рақами Шартномаи мазкур ва рақами ҳисоби пардохтшавандаро нишон медиҳад, то ин ки Оператор пардохтҳои гирифташавандаро шинохта тавонад. Дар ҳолате, ки Оператор аз Муштарӣ варақаи пардохтро бе нишон додани рақами ҳисоби пардохтшаванда мегирад, вай ҳуқуқ дорад чунин пардохтро барои пӯшонидани ҳама гуна қарзҳои қаблан ба вуҷудомадаи ҳамин Муштарӣ истифода барад (бо ихтиёри Оператор). Дар сурати мавҷуд набудани қарз – ба ҳисоби пардохти пешакии Хизматрасониҳо.
4.11. Ҳангоми тағйир ёфтани Нақшаи Тарофавии Хизматрасониҳои фармоишшуда маблағҳои пулии ба сифати пешпардохт қаблан пардохтнамудаи Муштарӣ дар пардохтҳои оянда ба ҳисоб гирифта мешаванд.
4.12. Оператор ҳуқуқ дорад яктарафа Нақшаҳои Тарофавии Хизматрасониҳои худро тағйир диҳад, бо огоҳкунии хаттии Муштарӣ дар мӯҳлати на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ пеш аз санаи ҷорӣ намудани Нақшаҳои Тарофавии тағйирёфта. Дар ин ҳолат Тарафҳо Созишномаи иловагӣ ба ҳамин Шартнома ба имзо мерасонанд.
4.13. Хизматрасонӣ метавонад дар асоси дархости хаттии Муштарӣ ба миқдори дилхоҳи рӯзҳои тақвимӣ, вале на зиёда аз 60 (шаст) рӯз, муваққатан қатъ карда шавад.

## 5. ҲОЛАТҲОИ ҚУВВАИ РАФЪНОПАЗИР (ФОРС-МАЖОР)

5.1. Агар ӯҳдадориҳо аз ҷониби яке аз Тарафҳо пурра ё қисман иҷро нагарданду ин ҳолат бо сар задани ҳолатҳои қувваи рафънопазир, аз қабили сӯхтор, обхезӣ, заминҷунбӣ, фалокатҳои дигари табиӣ, ҷангҳо, амалиётҳои ҷангии гуногун, бетартибиҳои дар натиҷаи зиддияти байни миллатҳо бамиёномада, муҳосираҳо, корпартоиҳо, нашри эъломияҳои ҳукумат ва/ё мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ вобаста бошанд, ҳеҷ кадоме аз тарафҳо ҷавобгарӣ ба зимма намегирад.
5.2. Ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои қувваи рафънопазир, ки боиси иҷро нагардидан ё иҷрои нопурраи ӯҳдадориҳо мегарданд, Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд дар муддати на камтар аз 2 (ду) ҳафтаи тақвимӣ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо Тарафи дигарро оид ба ҳолатҳои бамиёномада хабардор намоянд.
5.3. Агар Тарафҳо ӯҳдадориҳои тибқи Шартномаи мазкур базиммагирифтаро бо сабаби ба миён омадани ҳолатҳои қувваи рафънопазир дар давоми 30 (сӣ) рӯз иҷро карда натавонанд, ҳар яке аз Тарафҳо ҳуқуқ дорад баъди ба тариқи хаттӣ Тарафи дигарро оиди қатъкунии иҷрои Шартнома хабардор намудан, амали Шартномаи мазкурро қатъ намояд.

## 6.МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА ВА ШАРТҲОИ ҚАТЪ НАМУДАНИ ОН

6.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расидани он аз ҷониби Тарафҳо қувваи ҳуқуқӣ пайдо намуда, дар давоми 1 (як) соли тақвимӣ амал менамояд. Агар яке аз Тарафҳо 1 (як) моҳ пеш аз ба итмом расидани мӯҳлати амали Шартномаи мазкур Тарафи дигарро тариқи хаттӣ оиди нияти қатъ кардани Шартнома изҳорот нанамояд, он гоҳ Шартнома ба мӯҳлати 1 (як) сол тамдидшуда ҳисоб меёбад.
6.2. Муштарӣ дар сурати аз Оператор қарздор набудан ҳуқуқ дорад дар асоси яктарафа Шартномаро қатъ намояд. Дар ин сурат бақияи маблағҳои истифоданакардаи Муштарӣ, ба истисноии маблағи барои пайвасткунӣ ва хизматрасонии таҷҳизот сарфгардида, ба таври ғайринақдӣ ё нақдӣ ва мувофиқи тартиботи муқарраршудаи Оператор баргардонида мешаванд. Муштарӣ вазифадор аст, ки Операторро 1 (як) моҳ пеш аз қатъ намудани Шартнома хабардор намояд.
6.3. Оператор ҳуқуқ дорад, ки дар сурати аз ҷониби Муштарӣ дар муддати як моҳи тақвимӣ ё бештар аз он пардохт накардани қарзҳо ба тариқи яктарафа Шартномаро қатъ намояд. Муштарӣ сарфи назар аз қатъи Шартнома ӯҳдадораст аст, ки қарзҳои мавҷударо пардохт намояд.
6.4. Бекорхошташавии (қатъшавии) Шартномаи мазкур Муштариро аз ӯҳдадории пардохт намудани қарздорӣ дар назди Оператор ва масъулиятҳои дар Шартномаи мазкур дарҷшуда озод наменамояд, агар чунин ҳолат дар лаҳзаи бекорхоштани (қатъшавии) Шартномаи мазкур ҷой дошта бошад.

## 7. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

7.1. Ҳама баҳсҳо байни Тарафҳо аз рӯи Шартномаи мазкур бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.
7.2. Ҳангоми ҳалли худро наёфтани баҳсҳо бо роҳи гуфтушунид, Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли баҳсро ба мақомоти судӣ супоранд.

## 8. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

8.1. Шартномаи мазкур дар 2 (ду) нусхаи дорои қувваи баробари ҳуқуқӣ бо забони тоҷикӣ ба имзо расонида шудааст, ки як нусха ба Муштарӣ ва нусхаи дигар ба Оператор дода мешавад.
8.2. Ҳамаи тағйироту иловаҳое, ки ба Шартномаи мазкур ворид карда мешаванд, дар он ҳолат қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, ки агар ба тариқи хаттӣ дар шакли созишномаи иловагӣ ба ҳамин Шартнома ва бо шарти имзошавии он аз ҷониби Тарафҳо тартиб дода шаванд. Созишномаҳои иловагии ба таври дахлдор таҳияшуда ва имзошуда қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад.
8.3. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба Шартномаи мазкур, ки онҳоро Тарафҳо имзо мекунанд ва тавассути алоқаи факсимилӣ, электронӣ ё дигар алоқа интиқол дода мешаванд, ки имконияти аз ҷониби тарафи Шартнома фиристода шуданашро мӯътамад тасдиқ менамояд, эътибори пурраи қонунӣ доранд.
8.4. Тарафҳо Шартномаи мазкурро ба пуррагӣ хонда, аз мафҳум ва мазмунҳои он бохабар шудаанд ва бо гузоштани имзои худ бо ҳамаи шарту шароитҳои он розигии худро тасдиқ менамоянд.
8.5. Дигар шартҳое, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда мешаванд.
8.6. Тамоми маълумотҳои зимни баста шудан ва иҷро гардидани Шартномаи мазкур ва Замимаҳои он, ки ба Тарафҳо ошкор шудааст, махфӣ ба ҳисоб рафта, бояд бе розигии хаттии Тарафи дуюми Шартнома ба шахсони дигар ошкор нашаванд. Тарафҳо тибқи Шартномаи мазкур ӯҳдадор мешаванд, ки тамоми маълумотҳои техникӣ, истеҳсолӣ, ва тиҷоратиро, ки ба онҳо пешниҳод шудааст ё бо ягон тарзи дигар ба онҳо маълум гардидааст махфӣ нигоҳ доранд.

## СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ, МУШАХХАСОТИ БОНКӢ ВА ИМЗОИ ТАРАФҲО

| "ОПЕРАТОР" | "МУШТАРӢ" |
|---|---|
| **ҶДММ «Исател»**<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон,<br>ш.Душанбе, к.Д. Беҳзод 7а<br>РМА: 020026695<br>Суратхисоби чори: 20202972510101014588<br>Суратхисоби муросилоти: 20402972413691<br>БИК: 350101369<br>Бонк: ҶСК «Ориёнбонк»<br><br>**Директор**<br>**Тағоев У.У.** | **Рассийско-Таджикский(Славянский) Университет**<br>Чумхурии Тоҷикистони<br>г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30<br>Банк получателя:Главное управление центральное Казначейств<br>Р/счет 20204972712010100002<br>Кор/счет 20402972000002<br>МФО 350101800<br>ИНН 020000326<br>**Ректор**<br>**Файзулло М.К** |

**Замимаи № 1**
**ба Шартномаи №71/24 аз «01»январ соли 2024**
**оид ба хизматрасониҳои телематикии алоқа**

## НАҚШАИ ТАРОФАВИИ ХИЗМАТРАСОНИҲО

Чадвали № 1. Пардохти моҳона бо дарназардошти ҳамаи андозҳо

| № | Суроғаи хизматрасонӣ | Суръат, Мбит/с | Ҳаҷм | Пардохт бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **(Номгӯйи Муштари):**<br>Суроғаи хизматрасони: Ҷумҳурии Тоҷикистони<br>ш. Душанбе, к. Шевченко 109 | 4 Мбит/с | Бемахдуд | 4 000<br>(бо сомони) |

| АЗ НОМИ ОПЕРАТОР: | АЗ НОМИ МУШТАРӢ: |
|---|---|
| Директор<br>ҶДММ "Исател"<br>_____________ / Тағоев У.У.<br>Ҷ.м. | Рассийско-Таджикский(Славянский) Университет<br>_____________ / Файзулло М.К<br>Ҷ.м. |